Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

آواز تاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991).

25 майи соли 2022
Чоршанбе
№ 42 (14847)

сайт http://ovozitojik.uz/,
e-mail:
ovozitoj@umail.uz,
ovozi@list.ru

# БА ҲАМАИ ХАТМКУНАНДАГОНИ МАКТАБҲО

*Хатмкунандагони азиз!*

*Самимона, аз таҳти дил шуморо бо муваффақона хатм намудани мактаб ва ба ҳаёти мустақилонаи наҷиб ва бештар аз он марҳалаи масъул ворид шуданатон табрик мегӯям.*

*Дар ин лаҳзаҳои ҳассос, вақте ки дар тамоми муассисаҳои таълими ҳамагонии мамлакат «занги охирин» садо медиҳад ва шумо аз мактаби азиз, мураббиёни дӯстдошта ҷудо мегардед, ба ҳамаатон дар роҳи оянда муваффақиятҳои бузург орзумандам.*

*Шуморо бо дарёфти номаи камол – рамзи умед ва эътимод барои фардо табрик менамоям.*

*Фарзандони азизи ман!*

*Имсол мактабҳои таълими ҳамагонии ҷумҳуриро беш аз 390 ҳазор ҷавонон хатм мекунанд. Мисли шумо ҷавонони боазм, ки омодаанд дониш ва иқтидори худро барои дарёфти мақсади нек – писарон ва духтарони муносиби Ватан ва халқи худ гардидан равона намоянд, бешубҳа, умед ва такягоҳи мо, хазинаи тиллоӣ, воқеан давлати ноёби Ўзбекистони Нав ҳастед.*

*Воқеан, ин рӯз нафақат барои хатмкунандагони макотиби мамлакат, балки барои тамоми падару модарон, муаллимон ва мураббиёни онҳо рӯзи хотирмон хоҳад гардид. Онҳоро бо ин ҷашни аҷоиб табрик намуда, беҳтарин орзуҳои худро таманно менамоем.*

*Солҳои охир дар низоми таълими томактабӣ, миёнаи махсус ва таълими олӣ ислоҳоти куллӣ ба амал татбиқ гардид. Хусусан рушди таълими мактабӣ ба ҷунбиши умумихалқӣ табдил ёфта, дар ин соҳа тағйироти куллӣ ба вуқӯъ пайваст. Ҳоло ҳозир дар мамлакат бо беш аз 10 ҳазор мактаби таълими ҳамагонии давлатӣ бисёр муассисаҳои таълимии ғайридавлатӣ, мактабҳо дар асоси шарикии давлативу хусусӣ, Президентӣ, мактабҳои махсус ва эҷодӣ фаъолият доранд, ки аз бозсозии амиқи сохторӣ ва сифатӣ гувоҳӣ медиҳад, ки дар низом дар муддати хеле кӯтоҳ ба амал татбиқ гардид.*

*Танҳо соли гузашта дар 789 мактаб корҳои сохтмону таъмир ба амал омада, барои ин дар ҳаҷми 3,3 триллион сӯм маблағ харҷ гардид. Ҳамаи моро он чиз хушҳол месозад, ки теъдоди медалҳое, ки хонандагонамон дар олимпиадаҳои байналхалқии фаннӣ ба даст меоранд, 3 баробар афзуда, дар олимпиадаҳои минтақавӣ қариб 23 баробар, дар доираи лоиҳаи «Як миллион нафар барномасоз» беш аз 900 ҳазор хонанда сабақи барномасозиро касб карда, сертификати марбутро дарёфт намуданд.*

*Ба муносиб рағбатнок сохтани меҳнат, беҳсозии шароити кор ва ҳаёт, боло бурдани мақоми муаллимон ва мураббиёни шуҷоатмандамон дар ҷамъият, ки ҳаёти худро ба тарбияи насли наврас бахшидаанд, аҳамияти калон дода мешавад.*

*Дар асоси азхуд намудани таҷрибаи мамлакатҳои рушднамуда барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ нав карда мешаванд. Дар ин самт ба вуҷуд овардани маҷмӯаҳои таълимиву методӣ, дастурҳо барои муаллимон ва дафтарҳо барои машқ дар маҷмӯъ дар 326 номгӯ барои мактабҳои таълимоти ҳамагонӣ қадами махсусан муҳим гардид.*

*Тамоми мактабҳои мамлакат ба шабакаи фаврии оптикии маҳини интернет пайваст гардида, шабакаҳои алоҳидаи мустақил ва дастгоҳҳои Wi-Fi гузошта шуданд.*

*Дар ин замони ноором ва таҳлукаангез мо махсусан ба тарбияи бачаҳо чун шахсиятҳои маънавияташон баланд, ватанпарастони ҳақиқӣ эътибори алоҳида медиҳем. Чорабиниҳои вусъатноки маънавиву маърифатӣ ташкил гардида, кори муттасил, ки ба баланд бардоштани шавқи насли наврас ба мутолиаи китоб, барои ҳарчи фаъолтар ҷалб намудани он ба маҳфилҳои адабиёт ва санъат, сексияҳои варзишӣ нигаронда шудааст, бурда мешавад.*

*Хатмкунандагони азиз!*

*Солҳои охир барои мардумамон, хусусан барои онҳое мисли шумо, ҷавонон, Ўзбекистон мамлакати воқеан имконоти васеъ мегардад.*

*162 муассисаи таълими олие, ки дар ҷумҳурӣ фаъолият дорад, мактабҳои касбӣ, коллеҷ ва техникумҳои зиёд барои дар соҳаи интихобнамудаатон мутахассисони баландмалака гардидан мусоидат менамоянд.*

*Дар 78 муассисаи таълими олӣ инчунин низоми таълим бе ҷудо гардидан аз истеҳсолот, дарёфти маълумоти олии фосилавӣ ҷорӣ гардидааст.*

*Бо таълими олӣ фаро гирифтани хатмкунандагон имсол нисбат ба 9 фоизи соли 2016 ба 38 фоиз расид.*

*Дар низоми таълими касбӣ барои ятимон ё ки бе падару модарон аз хонаводаҳое, ки ба ҳимояи иҷтимоӣ эҳтиёҷ доранд, бачаҳои ногиро имконоти махсус ба вуҷуд оварда мешавад.*

*Бояд таъкид кард, ки соли хониши 2020-2021 1157, соли хониши 2021-2022 1433 нафаре, ки ба коллеҷ ва техникумҳо дар асоси қарордод ба таҳсил дар асоси гранти иловагии давлатӣ қабул гардидаанд, берун аз андозаҳои қабул буданд.*

*Боварӣ дорам, ки ба шарофати чунин имконот дар оянда шумо дар кластерҳои замонавӣ, хоҷагиҳои фермерӣ, корхонаҳои истеҳсолӣ, сохтмонҳои нави калон, дар фирмаву ширкатҳо, ташкилотҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ, ҷамоаҳои маданӣ ва эҷодии мамлакат кор хоҳед кард ва, бешубҳа, дар шукуфоии Ватанамон, баланд бардоштани некӯаҳволии мардум саҳми муносиб хоҳед гузошт.*

*Хуллас, ҳар як хатмкунанда дар мамлакатамон бо эътибор ва ғамхорӣ фаро гирифта мешавад. Мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ дар вилоятҳо, ноҳияҳо ва шаҳрҳо, роҳбарони секторҳо, ҷамоатҳои маҳаллаҳо якҷоя бо падару модарон ва муаллимони шумо бароятон шахсони аз ҳама наздики мададгор ва муттако хоҳанд гардид.*

*Дар ин рӯзи хушнудкунанда бори дигар шумо, азизонро, бо хатми муваффақонаи мактаб, пушти сар намудани марҳалаи аввали муҳим дар роҳи ҳаётатон самимона табрик менамоям.*

*Ҳеҷ гоҳ фаромӯш накунед, ки дар пеш шуморо боз ҳам қуллаҳои баланд ва масъулиятнок мунтазир аст. Агар шумо дар наздатон мақсадҳои дақиқ гузошта, барои ноил гардидан ба он тамоми нерӯ, дониш ва зарфияти худро харҷ намоед, албатта ҳар гуна қулларо фатҳ хоҳед кард.*

*Барои ҳамаатон тандурустӣ, дар кор, таълим ва ҳаёти шахсӣ муваффақияти калон орзу менамоям.*

*Дар роҳи мақсад таваққуф накунед, бигзор ҳамеша бахт ва тавфиқ бо шумо бошад, фарзандони азизи ман!*

***Шавкат МИРЗИЁЕВ,***
***Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон***

# МАСЪАЛАҲОИ МУҲИМИ ҲАМКОРИИ ДУҶОНИБА МУҲОКИМА ГАРДИДАНД

***Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев 24 март бо Президенти Федератсияи Русия Владимир Путин мулоқоти телефонӣ анҷом дод.***

Пурзӯр гардондани муносибатҳои ҳамкорӣ ва шарикии стратегӣ ва иттифоқии Ўзбекистон ва Русия масъалаҳои долузарби васеъгардонии ҳамкориҳои ҳарҷониба дида баромада шуд.

Ба амал татбиқ намудани созишномаҳое, ки дар вохӯрии дараҷаи олии шаҳри Маскав моҳи ноябри соли гузашта ба тавофуқ расида буд, эътибори алоҳида нигаронида шуд.

Алоқаҳои фаъоли сари соли ҷорӣ ва афзоиши табодулҳои тарафайн бо қаноатмандӣ қайд карда шуд.

Чорабиниҳои тарафайн дар доираи Форуми инвеститсионии байналхалқии якуми Тошканд дар охири моҳи март ва Намоишгоҳи байналхалқии саноати «Иннопром» дар формати нави минтақавӣ дар пойтахти Ўзбекистон моҳи апрел бомуваффақият баргузор шуд.

Лоиҳаҳои устувор доир ба кооператсияи саноатӣ идома дорад.

Ҳаҷми афзоиши амвол аз сари соли ҷорӣ ба 40 фоиз афзоиш ёфт.

Доир ба ҳамкории гуманитарӣ, аз ҷумла, дар соҳаҳои таълим, ҳифзи тандурустӣ, фарҳанг, сайёҳӣ ва варзиш барномаҳои муҳим ба амал татбиқ мегарданд.

Сарони давлатҳои Ўзбекистон ва Русия тақвияти робитаҳои кооператсияҳои байни доираҳои корчаллон ва муҳимияти истифодаи пурсамар аз салоҳияти бузурги байни ҳудудҳоро таъкид намуданд.

Аз рӯйи масъалаҳои сиёсати байналхалқӣ ва рӯзномаи минтақа низ мубодилаи афкор ба вуҷуд омад.

Мулоқоти телефонии президентҳои ду мамлакат ба тарзи анъанавии кушод, эътимодбахш ва дӯстона баргузор шуд.

**ЎзА.**

# САМАРАНОКИИ КОРҲОИ НАФТУ ГАЗ МУҲОКИМА ШУД

***Президент Шавкат Мирзиёев 24 май оиди муҳокимаи масъалаҳои васеъсозии кофтан ва истеҳсоли ашёи хоми нафту газ ҷамъомад гузаронд.***

Дар мамлакатамон мақсадҳо оиди либерализосзии иқтисодиёт ва трансформатсияи нуқтаҳои саноати пешбар дар Стратегияи рушд муайян карда шудаанд. Аз ҷумла, дар соҳаи нафту газ ҳам ҷараёнҳои трансформатсия оғоз ёфтаанд.

Дар ҷамъомад роҳбари давлатамон, аввало, ба ин масъала эътибор нигаронда, зарурияти тезонидани ин ҷараёнро таъкид намуд. Вазифаҳои ҷалб сохтани мушовирони хориҷӣ, муайян кардани баррасии стратегӣ, таъмини шаффофияти механизмҳои ҳисобу китоб дар соҳаи нафту газ гузошта шуданд.

Чораҳо оиди солимгардонии молиявии корхонаҳо, тавассути баланд бардоштани самарнокии оператсионӣ ихтисорсозии ҳуҷҷатҳо, дар асоси таҷрибаи пешқадами хориҷӣ ташкил кардани сохтори идоракунӣ муайян гардиданд.

Президент ба роҳбарони сохтор доири таъмини муттасили аҳолӣ ва субъектҳои соҳибкорӣ бо манбаъҳои сӯзишворию энергетикӣ супоришҳои аниқ дод.

Чораҳои назорати истеъмоли газ ва пурра ба кор андохтани ҳисобкунакҳои автоматӣ, бартарафсозии талафот муайян гардид. Муҳимияти аз ҳозир сарфа сохтани захираҳо, рағбатноксозии истифода аз энергияи муқобил таъкид карда шуд.

**ЎзА.**

# ШАҲРАКЕ АНДАР ШАҲРЕ

## ё чӣ гуна дар Самарқанд як шаҳраки нави этнографӣ бунёд мегардад

***Иттифоқ афтод, ки бо рафти корҳои бозсозӣ дар шаҳри Самарқанд аз наздик ошно шавем. Ин корҳо ба далели он ба вуқӯъ мепайвастанд, ки то 15-16 сентябри соли равон вақти баргузории нишасти навбатии Созмони ҳамкории Шанхай шаҳр намои тозаву зебо ва дилписанд касб намояд.***

Дарҳақиқат, корҳои бозсозӣ ва бунёди нусхаи биноҳои таърихӣ дар як канори Самарқанди куҳан босуръат идома меёфт. Яке аз иншооте, ки ба тозагӣ барои қабули меҳмонҳои нишасти навбатии СҲШ ба истифода супурда шуд, терминали нави майдони байналмилалии ҳавоии Самарқанд мебошад. Бо ба кор даромадани ин терминал, ки бар асоси стандартҳои замонавӣ сохта шудааст ва дорои имкониятҳои фаровон мебошад, дараҷаи хидматрасонӣ ба мусофирон хеле беҳтар хоҳад шуд. Акнун он метавонад дар як соат ба бештар аз ҳазор мусофир хидмат расонад.

Пеш аз фуруд омадани ҳавопаймо бо хатсайри Тошканд – Самарқанд терминали нави майдони ҳавоӣ ба назар намуд. Он шакли китоби бузургеро мемонд, ки саҳифаҳои кушодаи он мунтазири хонандаи худ аст. Ин рамзи маркази илму адаб, фарҳангу маърифат ва тамаддуни ҷаҳонӣ будани шаҳри бостонии Самарқандро бозтоб медод.

Дар баробари он ки кӯчаву хиёбонҳои шаҳри Самарқанд барои пазироии меҳмонони олиқадр омода мебошад, ҳанӯз дар баъзе минтақаҳои он корҳои бозсозӣ вусъат пайдо намудааст. Яке аз иншооти ҷолиб бо тарҳи наву замонавӣ бунёд гардидани шаҳраки наве дар ин шаҳр мебошад. Он ноҳияи Самарқандро бо ин шаҳри бостонӣ васл хоҳад кард. Шаҳрак моҳи июли соли равон, дар арафаи нишасти навбатии СҲШ анҷом хоҳад пазируфт.

– Ин шаҳри этнографӣ мебошад, ки “Шаҳри абадӣ” унвон гирифтааст. Масоҳати умумии он 212 гектарро ташкил мекунад, – мегӯяд сармеъмори он Мӯъминҷон Қодиров. – Ба сифати меъмор бунёди чунин шаҳраке дар шаҳрро дар сар доштам. Вақте ки ин ғояро барои ҳокими вилоят ва ҷамъи меъморон дар миён гузоштам, баъди баррасиву муҳокимарониҳо ғояро онҳо пазируфтанд. Дар ин шаҳрак, пеш аз ҳама, беҳтарин намунаи ёдгориҳои таърихӣ ва меъмории Самарқанд акси худро меёбанд, – изҳор намуд сармеъмор.

Тавре ки Қодиров тазаккур дод, Самарқанд ва Бухоро маркази тамаддун ва фарҳанги воло ба шумор меравад ва инро тамоми мардуми олам эътироф намудааст. Ба гуфтаи ӯ ҷои шубҳа нест, ки баъди анҷоми корҳои сохтмон ҳар фарде, ки ба ин ҷо ташриф меоварад, ҳатман ангушти ҳайрат хоҳад газид. Зеро ҷамъи нусхаи ёдгориҳои қадимии Самарқанд, инчунин шаҳрҳои Бухоро, Хева ва Шаҳрисабз дар ин ҷо сохта шудаву равшану возеҳ ба чашми меҳмонони он ҷилвагар хоҳанд шуд.

Ба таъкиди Қодиров бунёди “Шаҳри абадӣ” моҳи декабри соли 2019 оғоз ёфтааст ва ҳоло бештар аз 500 устои чирадаст бо дастони мӯъҷизаофари худ ҳамон намои қаблии ёдгориҳои қадимаи шаҳрҳои таърихиамонро дар тарҳи нав ин ҷо аз нав месозанд.

**(Давомаш дар саҳ.2).** ⇨



*Ғаллакорони ноҳияи Қуваи вилояти Фарғона соли ҷорӣ дар 5 ҳазору 755 гектар майдон ғалла рӯёниданианд. Ҳоло ғалладонаҳо пухта расида, ба оғози гандумдаравӣ низ рӯзҳои башумор мондааст.*

*Имрӯзҳо баробари корҳои поруандозӣ ба заминҳо ҷараёни омодасозии техникаи хоҷагии қишлоқ барои мавсим дар авҷ аст.*

*Дар устохонаи парки ҶММ «Маштехсервис»-и ноҳияи Қува таъмири комбайн ва техникаи фермерон ба тарзи марказонидашуда ба роҳ монда шудааст. Ҳоло дар ин ҷо барои даравидани ғаллаи 241-то хоҷагии фермерӣ 19-то комбайн омода карда шудааст.*

***Дар сурат:** дар ҶММ «Маштехсервис»-и ноҳияи Қува.*

***Суратгир: М. ҚОДИРОВ. (ЎзА).***

# МУҲОКИМАИ ТАМОЮЛҲОИ АСОСИИ СТРАТЕГИЯИ РУШД

*Фаровонҳолӣ ва фардои сайёраамон ба чӣ гуна камол ёфтани ҷавонон вобаста аст. Вазифаи асосии мо аз фароҳам овардани шароитҳои зарурӣ барои намоён кардани салоҳияти ҷавонон иборат аст.*

**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон**
**Шавкат МИРЗИЁЕВ.**

**Дар ҷамоаи шаҳрвандони маҳаллаи Бордонкӯли ноҳияи Юқори Чирчиқ бо контингентҳои махсуси колонияи 47-уми минтақавӣ-ҳудудии якум таҳти мавзӯи «Стратегияи рушди Ўзбекистони Нав барои солҳои 2022-2026» мулоқоти кушод баргузор шуд.**

Дар мулоқот ба иштирокдорон дар бораи қурбониёни солҳои табъид, бо машаққатҳои зиёд ба даст даровper шудани истиқлолият, ислоҳоти навбатӣ, тағйироти куллие, ки дар доираи «Стратегияи амалиёт» ба амал татбиқ гардиданд ва нақши онҳо дар ҳаёти иҷтимоӣ маълумоти муфассал дода шуд. Бояд таъкид намуд, ки доир ба рушду равнақи мамлакат дар панҷ соли гузашта ислоҳоти муназзам ба амал татбиқ гардида, натиҷаҳои мусбӣ ба даст оварда шуданд.

Дар натиҷаи ҷорӣ шудани механизмҳои «Дафтари оҳанин», «Дафтари бонувон», «Дафтари ҷавонон» дар соҳаи иҷтимоии мамлакат тағйироти куллӣ ба вуҷуд омад. Агар дараҷаи бо таълими томактабӣ фаро гирифтани бачагон дар соли 2017 27,7 фоизро нишон дода бошад, ҳоло ин нишондод ба 62 фоиз расидааст. Бо таълими олӣ фаро гирифтани хатмкунандагон соли 2016 9 фоизро ташкил карда бошад, ба соли 2021 омада ин рақамҳо ба 28 фоиз расид.

**(Давомаш дар саҳ.2).** ⇨

# САМАРАНОКИИ ЧОРАБИНИҲОИ СИЁСӢ – ДАР МЕҲВАРИ ГУФТУГӮ

***Дар як ҳамоиши байналмилалии сатҳи баланд, ки дар шаҳри Тошканд бо ибтикори Бонки ҷаҳонӣ ва дастгирии молии Вазорати корҳои хориҷии Британияи Кабир оид ба иттиҳод ва рушди байналмилалӣ баргузор гардид, масъалаи “Идоракунии босамар барои рушди иқтисодӣ дар Осиёи Марказӣ”-ро мавриди баррасӣ қарор додааст.***

Қобили зикр аст, ки дар чаҳорчӯби ин ҳамоиш иштирокчиёни он маълумотҳои соҳаҳои гуногунро меомӯзанд, ки аз таҷрибаҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ маншаъ гирифтаанд ва истифодаи он барои тарҳрезӣ ва татбиқи барномаҳои сиёсати давлатӣ корбаст мегарданд.

Дар ҳамоиш он нукта таъкид гардид, ки масъалаи камбизоатӣ барои кишварҳои Осиёи Марказӣ ва берун аз фазои он низ тавъам мебошад. Аз ин рӯ самара ва шаффофияти иқтисодиёт дар ҷамъи ин ҷумҳуриҳо маҳз бо кумаки молии ниҳодҳои молиявии бонуфуз бояд беш аз пеш баланд бардошта шавад. Ғайр аз ин, тақозо мегардад, ки барномарезии тадобири сиёсати давлатӣ, ислоҳоти иқтисодиёт, беҳбуд ёфтани ҳамоҳангӣ дар байни идораву вазоратҳо ва ҳамкорӣ бо шаҳрвандон таъмин гардад.

Вазири шуғл ва муносибатҳои меҳнатии Ўзбекистон Нозим Ҳусанов дар бораи он ҳарф зад, ки Ўзбекистон дар мавриди таҳлил ва истифодаи маълумотҳо то чӣ андоза таҷрибаи ғанӣ ҳосил кардааст. Ба гуфтаи ӯ сиёсати давлатӣ дар бахши таъмини шуғли аҳолӣ гомҳои ҷиддӣ мебардорад. Инчунин, дар кишвар бори нахуст базаи миллии ҷойҳои холии кор ва системаи ягонаи миллии меҳнат ҷорӣ карда шуд.

Дар ҷараёни ҳамоиши байналмилалӣ намояндагони Тоҷикистон, Қирғизистон, ва Қазоқистон низ роҷеъ ба он суханронӣ карданд, ки ҳамкорӣ бо Бонки ҷаҳонӣ ва Вазорати корҳои хориҷии Британияи Кабир оид ба корҳои иттиҳод ва рушди байналмилалӣ то чӣ андоза судманд мебошад.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири**
**“Овози тоҷик”.**

# ДАР РӮҲИЯИ ОШКОРОӢ ВА ДЕМОКРАТИЯ

***Дар 782 ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаҳои вилояти Намангон интихоботи раисон (оқсақолон)-и ҷамоатҳои шаҳрвандони маҳаллаҳо шаффоф, дар асоси муқобилӣ ва ошкороӣ баргузор мегардад.***

Дар ин ҷода гурӯҳҳои корӣ дар ҳар як ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаҳо аз рӯи қонунгузорӣ оиди интихобот корҳои тарғиботӣ ва ташвиқотиро ба роҳ монданд.

Ноҳияи Попи вилояти Намангон аз рӯи ҳудуд байни шаҳру ноҳияҳои вилоят калонтарин ба шумор меравад. Дар ноҳия ҷамъ 77 ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаҳо вуҷуд дошта, то ҳозир дар 60 ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаҳо интихоботи раисон ба тарзи шаффоф ва ошкоро баргузор гардид.

Ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Кенегас дар ноҳия аввалин шуда интихоботро ба раисии ҷамоати шаҳрвандони маҳалла оғоз намуд. Аз тарафи гурӯҳи корӣ 3 нафар номзадҳо, аз ҷумла Расулҷон Маҳмудов, Абдувалӣ Насибалиев, Ҳикматҷон Тамировҳо ба раисии маҳалла ҳамчун номзад пешниҳод карда шуданд. Расулҷон Маҳмудов аз ҳама зиёд овоз гирифта, ба раисии ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Кенегас интихоб гардид.

Чодак яке аз деҳаҳои дурдасти тоҷикнишини ноҳияи Поп буда, дар ҳудудаш 11-то ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаҳо мавҷуд. Дар ноҳия аввалин шуда ба раисии ҷамоати шаҳрвандони маҳалла интихобот ба анҷом расид.

Ҷамоати шаҳрвандони Истиқлол дар деҳа дар ҳама соҳаҳо яке аз маҳаллаи намунавӣ ба шумор меравад. Ба раисии маҳалла Ихтиёр Абдуназаров, Дониёр Тӯраев, Бобур Содиқҷонов номзад пешниҳод карда шуд. Ихтиёр Абдуназаров аз ҳама зиёд овоз ҷамъ оварда ба раисии ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Истиқлол интихоб гардид.

Интихоботи раисони ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаҳо дар дигар ноҳияҳои вилоят давом мекунад.

**А.МУРОДОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти НАМАНГОН.*

# ХАБАРҲО

## АНҶУМАНИ БАЙНАЛХАЛҚИИ ТИББӢ

***Тибби мо давраи нави ислоҳотро аз сар гузаронида, аз ҷумла, дар муолиҷаи бемориҳои ортопедии бачагона аз технологияи замонавии ташхисию ҷарроҳӣ васеъ истифода карда мешавад, гуфта шуд дар анҷумани байналхалқӣ таҳти мавзӯи " Ортопедияи бачагона – муаммо ва истиқболҳо", ки дар пойтахт рӯи кор омад.***

Чорабинӣ ба ҷашни 30-солагии Маркази ҷумҳуриявии ортопедии бачагона бахшида шуд. Дар он 8 нафар мутахассисон аз хориҷи кишвар ва аз беморхонаҳои вилоёти ҷумҳурӣ ортопедҳои бачагона, шикастбандҳои таҷрибанок иштирок карданд.

Қайд гардид ортопедия яке аз шохаҳои басо мураккаб дар тиббиёт буда, вомедорад барои саривақт аниқ сохтани бемориҳои устухон, рагу пай ва сутунмуҳра олимони дунё якҷо амал кунанд, аз таҷрибаҳои якдигар баҳраманд шаванд. Ҳамкориҳо самара бахшида ва тӯли се соли охир баъзе навъҳои хавфноки бемории ортопедӣ, хусусан бемории арфан кам шудааст.

Дар муолиҷаи ортопедияи бачагона, айни замон, табибони ӯзбекистонӣ ба муваффақиятҳо даст меёбанд. Ҳар сол тақрибан дувуним ҳазор ҷарроҳиҳои ортопедӣ дар ҷумҳурӣ бобарор анҷом меёбанд.

## СОКИНИ ШАҲР – МОҲИПАРВАР

***Назар ба маълумотҳои охирин дар маҳаллаи Нурафшони ноҳияи Сергели 4886 нафар аҳолӣ умр ба сар мебарад. Маҳалла дар канораи шаҳр воқест. Шароити ҷуғрофии ҳудуд то андозае ба парвариши чорво ва кишоварзӣ созгор, ки ҳаст, аксарияти сокинон аз рӯиндарича самаранок истифода мекунанд, чорво мепарваранд ва даромад меёбанд.***

Аз ҷумла, истиқоматкунандаи маҳалла Аброр Мирхоҷаев хост ба моҳипарварӣ машғул шавад. Ӯро ёрдамчии ҳоким М. Хидиров дастгирӣ намуд. Масъалаи молиявӣ ҳал гашт. Соҳибкор барои ҳосил кардани таҷриба бо кластерҳое, ки моҳипарварӣ мекунанд, ҳамкорӣ намуд. Дар ин кор малака ҳосил кард. Дар ду ҳавзе, ки дар ихтиёраш мебошад, имрӯзҳо наздик чор ҳазор адад моҳӣ парвариш меёбанд. Нияташ то охири сол ҳаҷми даромадро ба сеюним тонна расондан.

Дар маҳаллаҳои дигари ноҳия низ сокинон ҳаракат мекунанд гармхонаҳо сохта, маҳсулоти полизӣ парвариш созанд, сехҳои дӯзандагӣ кушоянд, таҳхонаҳои иморатҳои бисёрошёнаро таъмир сохта, марказҳои таълимӣ кушоянд, хидматрасониро ба роҳ гузоранд. Бо ин роҳ онҳо, аввало, оилаи худро аз нигоҳи иқтисодӣ таъмин мекунанд, дар сарпур сохтани бозори дохилӣ бо озуқаворӣ саҳм мегузоранд. Ташаббусҳои аҳолӣ дар ин самт аз ҷониби 46 нафар ёрдамчиёни ҳокими ноҳия саривақт дастгирӣ меёбад.

## СОХТОРИ НАВ ДАР ВАРЗИШ

***Назар ба маълумоти котиби матбуоти Президент, дар давоми панҷ соли охир баҳри ривоҷ додани варзиш наздик 4 триллион сӯм равона гашт. 118 объекти калони варзишӣ сохта ва ба истифода супурда шуд.***

110 маҷмӯъ бозсозӣ гардид. Вале роҳбари давлати мо дар яке аз баромадҳояш таъкид сохт, натиҷаҳое, ки варзишгаронамон ба даст меоранд, чандон қонеъкунанда нестанд. Вай гуфт, ки баъди ин дар омодасозии варзишгарон ва селексияи онҳо сохтори куллан нав ҷорӣ карда мешавад. Сохтори нав имрӯзҳо дар вилояти Бухоро ба амал татбиқ ва таҷрибаҳои дар ин самт ҳосилгардида дар саросари ҷумҳурӣ паҳн карда мешаванд. Риштаҳо байни мактабҳои варзишию захираҳои олимпӣ ва мактабҳои маҳорати варзишии олӣ узван мустаҳкам хоҳад гашт.

**М.ШОДИЕВ,**
**мухбири "Овози тоҷик".**

*Дар нигористон*



# «ДӮСТ ОЯД ГАРМ ДАР ОҒӮШ ГИР...»

***Чанде қабл дар Нигористони фототасвири Тошканд бо ташаббуси сафорати Тоҷикистон дар Ӯзбекистон ва дигар вазорату ниҳодҳои эҷодии ҳарду ҷумҳурӣ бахшида ба 30-солагии муносибатҳои дипломатии байни Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон намоиши асарҳои рассомони Тоҷикистон баргузор шуд.***

Дар чорабинӣ роҳбарони ташкилотҳои давлатию ҷамъиятӣ, аҳли санъат ва донишҷӯён, наққошони касбӣ ва алоқамандони ҳунари тасвирии кишварамон ва мамлакати ҳамсоя иштирок намуданд.

Намоишро сафири Тоҷикистон дар Ӯзбекистон Абдуҷаббор Раҳмонзода бо мисраъҳои зерин ҳусни ифтитоҳ бахшид:

*Дӯст ояд гарм дар оғӯш гир,*
*Расми хуби тоҷиконро гум макун.*

Солҳои охир дар байни ҷумҳуриҳои Ӯзбекистону Тоҷикистон робитаҳои иқтисодиву сиёсӣ, иҷтимоиву маданӣ босуръат инкишоф ёфта истодааст.

– Бинанда ба осори бадеию таърихӣ, тасвирҳое, ки низ лавҳаҳои гуногуни рӯзгорро дар худ инъикос намудааст, нигариста, манзараҳои рӯзгори дуру наздики халқро пеши назар меоварад. Пас, онҳо мӯҳри таърихро дар худ доранд, – гуфт раиси Иттиҳоди рассомони Тоҷикистон Наргис Ҳамидова.

Дар намоишгоҳ беш аз 100 асари зебои наққошӣ, графика, ҳайкалтарошӣ ва санъати амалии 40 нафар рассомон ва ходимони барҷастаи фарҳанги Тоҷикистон, аз қабили Вафо Назаров, Сабзалӣ Шарипов, Анваршоҳ Сайфуддинов, Мизроб Холов, Акмал Миршакаров, Зиёратшоҳ Довудов, Аҳмад Юсупов ба маърази тамошо гузошта шудааст.

Дар толори хурди намоишгоҳи Корвонсаройи фарҳанги байналхалқии Икуо Хираямаи Академияи бадеии Ӯзбекистон низ чунин намоишгоҳ баргузор шуд. Дар он низ бахшида ба 30-солагии муносибатҳои дипломатии Ӯзбекистон ва Тоҷикистон асарҳои Эвадулло Абдуллоев ба намоиш гузошта шуд.

Меҳри Модар-Ватан, маданият ва анъанаҳои мардум, табиати бетакрор манбаи бепоёни илҳоми фоторассоми тоҷики намангонӣ Эвадулло Абдуллоев ба шумор меравад. Акси биноҳои давлативу таърихӣ, боғҳои истироҳат, гулдухтарони тоҷик, пирони барнодил, лаҳзаҳои ҷашн, маҳсулоти ҳунармандӣ ва дигар ашёе, ки дар бораи табиат ва ҳаёти Ӯзбекистон нақл мекунанд, аз ҷониби фоторассом моҳирона аккосӣ шудааст.

**Далер АЗИЗОВ,**
**хабарнигори "Овози тоҷик".**
**Суратгир: Т. ХОВАРӢ.**



# ҒАЛАБАИ МЕҲНАТИИ КИРМАКПАРВАРОНИ ВИЛОЯТИ БУХОРО

***Ислоҳ гардидани соҳаи кирмакпарварӣ, бо ташаббуси сарвари давлат фароҳам оварда шудани имкониятҳои қулай ба кирмакпарварон, ҳавасмандгардонии табъи дили кормандони соҳа барин омилҳо имконият дод, ки баҳори соли гузашта кирмакпарварони вилоят аз 42036 қуттӣ 2 ҳазору 400 тонна пилла истеҳсол намоянд.***

Ин комёбӣ дар миқёси мамлакат натиҷаи хурсандибахш гардида буд. Самараи дилхоҳонаи меҳнатӣ, пешакӣ додани музди меҳнат, ҳамчун собиқаи меҳнатии яксола эътироф карда шудани хидматҳои якмоҳаи кирмакпарварон, имтиёзҳои андоз, барои ҳар як килограмм ҳосили берун аз нақша супоридашуда ду баробар пардохта шудани музди меҳнат барин ғамхориҳо нисбати заҳматкашони соҳа онҳоро хеле рӯҳбаланд намуд. Имсол дар 122 инкубатсияи ноҳияҳо 44 ҳазору 189 қуттӣ тухмии кирмак тайёр карда шуда, он ба бештар аз 1900 хоҷагии фермерӣ ё ки қариб 40 ҳазор нафар звенои оилавӣ тақсим гардид. Пешбинӣ гардид, ки соли ҷорӣ хирмани пиллаи вилоят ба 2 ҳазору 520 тонна расонда шавад. Баъди чорабиниҳои зарурӣ ва меҳнати фидокоронаи кирмакпарварон ниҳоят натиҷаи дилхоҳ дастрас гардид: 2 ҳазору 532 тонна пиллаи вилоят тайёр шуд.

Ба ин комёбӣ ноҳияҳои Ромитан (210 тонна), Вобканд (287 тонна), Шофиркон (201 тонна), Қарокӯл (274 тонна), Олот (201 тонна), Пешкӯ (159 тонна), Ҷондор (350 тонна), Бухоро (208 тонна), Когон (155 тонна) саҳми арзанда гузоштанд.

Бобати дастгирии моддӣ – ба андозаи 22 миллиарду 94 миллион сӯм додани музди пешакӣ шуъбаҳои вилоятии бонкҳои «Микрокредитбонк», «Қишлоққурилишбонк», «Капиталбонк», «Агробонк» ҳимматбаландӣ зоҳир карданд.

Дар вилоят зиёд карда шудани ниҳолҳои тут имконият медиҳад, ки моҳҳои минбаъда – август, сентябр низ мавсими кирмакпарварӣ давом кунад ва то охири сол хирмани ашёи хоми гаронбаҳо ба 3 ҳазор тонна расонда шавад.

**А. АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**

# ШАҲРАКЕ АНДАР ШАҲРЕ

(Аввалаш дар саҳ.1).

– Аз ҳисоби кадом маблағ шаҳраке дар шаҳр бунёд мегардад? – пурсидем аз ӯ.

– Як қисми маблағи он аз буҷаи давлат ихтисос дода шудааст. Пардохти қисми дигарро соҳибкорони зиёд ва дасткушод ба дӯш гирифтаанд, – гуфт Қодиров.

Дарвоқеъ, ин шаҳрак дар ҷое бунёд меёбад, ки қаблан замини ҳамвори мавриди кишт қарор доштааст. Аз даромадгоҳ то дохили кӯчаҳову хиёбонҳои хурду калони он, қатор-қатор иморатҳои эъморгардида хеле қобили таваҷҷӯҳ мебошанд. Зимни тамошои кӯчаву хиёбонҳои «Шаҳри абадӣ» мушоҳида гардид, ки корҳои нақшу нигор ва рангубордиҳӣ бо суръати том пеш меравад.

Кас метавонад ба яке аз кӯчаҳои ин шаҳраки тозабунёд ворид шавад ва ба таври мисол, пеширӯи худ нусхаи ёдгориҳои таърихии шаҳри Хеваи қадимро бубинад. Дар хиёбони дигар нусхаи нисбатан кӯчактари «Регистони Самарқанд» ва иморатҳои дигари маъруфу машҳури он намудоранд ва гумон мекунӣ, ҳамин лаҳза дар майдони Регистон қарор дорӣ ва минтақаҳои дигари ин шаҳри бостониро гаштугузор менамоӣ.

– Ин кӯча иншоотҳои таърихиву ёдгории шаҳри Бухорои шарифро дар худ акс кунонидааст. Манораи Калон, Чорманор, Арки шоҳ, мадрасаи Мири Араб ва амсоли он ҳатман боиси таваҷҷуҳи ҳар як меҳмон қарор хоҳанд гирифт. Ана, дар ин қисмати шаҳр кӯшиш намудем, ки ёдгориҳои таърихиву меъмории Шаҳрисабзи қадим пеши назар ҷилвагар шаванд, – мегӯяд Қодиров.

Тавре ки сармеъмор тавзеҳ дод, дар ҷараёни бунёди «Шаҳри абадӣ» бо ҳамон шукӯҳ ва шаҳомати хос аз ягон намуди техникаи сақил ё вазнин истифода сурат нагирифтааст, балки тамоми корҳоро устоҳову коргарон дастӣ анҷом медиҳанд. Аксари устоҳое, ки шаҳраке дар шаҳрро бунёд месозанд, ҳунармандони соҳаи санъати тасвирӣ ва чубкорӣ мебошанд.

Ҷои шубҳа нест, ки ин шаҳрак ҳамчун таърихи зиндаи этнографӣ барои ҷалбу ҷазби сайёҳони зиёд мусоидат хоҳад кард.

Дар як тарафи майдони васеъ чаҳор меҳмонхонаи бошукӯҳ қомат рост кардаанд ва ҳоло он ҷо корҳои зиннатдиҳӣ ба давраи ниҳоии худ хоҳанд расид. Ҳар кадоми ин меҳмонхона ба номҳои гуногун номгузорӣ шудааст: ба таври мисол меҳмонхонаи Амир Темур, меҳмонхонаи Савитский ва амсоли он. Ин меҳмонхонаҳо аз 11 то 22 ошёнаро ташкил мекунанд.

Ба гуфтаи мутахассисону коршиносон тибқи анъанаҳои шаҳрсозӣ дар Самарқанд маркази туризм бунёд мегардад. Дар 212 гектар арзи вуҷуд намудани меҳмонхонаҳои се ва чорситораӣ, масканҳои фароғатӣ, корвонсаройи «Шаҳри абадӣ» ва амсоли он аз бунёди чунин марказ далолат медиҳанд.

Гуфта мешавад, дар бунёди «Шаҳри абадӣ» фарзандону наберагони меъмори номӣ, Қаҳрамони Ӯзбекистон Мирумар Асадов, устоҳои халқии Ӯзбекистон Саидалӣ Мирзоев, Насрулло Саҳибназаров, Мирҷалол Асадов ва амсоли онҳо саҳми калон мегузоранд.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

# ТАЛОШИ ДИПЛОМАТҲО

***Намояндагони ваколатхонаҳои дипломатии дар кишварамон сабтиномшуда ғайр аз фаъолияти доимӣ дар ҳаёти иҷтимоиву мадании мамлакатамон низ фаъол иштирок менамоянд.***



21-май дар Экопарки шаҳри Тошканд бо ташаббуси Бюрои хидмат ба ваколатхонаҳои дипломатии назди Вазорати корҳои хориҷии ҷумҳурӣ дар байни ҷамоаҳои ваколатхонаҳои дипломатӣ ва намояндагиҳои байналхалқӣ бозиҳои варзишӣ баргузор шуд.

Дар чорабинӣ ғайр аз намояндагони ваколатхонаҳо узви оилаи онҳо низ ширкат ҷустанд.

Иштирокдорон аз рӯйи намудҳои тенниси рӯйи миз, волейбол, бадминтон, шоҳмот бозиҳои миллии арғамчикашӣ ва ғайра қувваозмоӣ карданд. Дар бозиҳо сафоратхонаҳои Чин, Русия, Ҳиндустон ва намояндагии Созмони Милали Муттаҳид фаъолнокӣ нишон доданд.

Бояд ёдрас намуд, ки Экопарк ягона истироҳатгоҳест, ки дар он ҷо аттраксионҳо набошанд ҳам, барои баргузор намудани бозиҳои варзишӣ дар оғӯши табиат ҳамаи шароит фароҳам оварда шудааст. Оббозӣ дар ҳавзи сунъӣ, сайру гашт дар ролик ва велосипед ба истироҳаткунандагон ҳузур мебахшад.

**Н. НОДИРОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
**Суратгир: Т. ХОВАРӢ.**

# МУҲОКИМАИ ТАМОЮЛҲОИ АСОСИИ СТРАТЕГИЯИ РУШД

(Аввалаш дар саҳ.1).

Ғайр аз ин, дар давоми чорабинӣ ба иштирокдорон дар бораи Стратегияи рушди Ӯзбекистон барои солҳои 2022-2026, зина ба зина ба амал татбиқ намудани ислоҳот ва чорабиниҳое, ки дар доираи он пешбинӣ шудааст, маълумоти муфассал дода шуд.

Сарвари давлат Шавкат Мирзиёев Стратегияи рушди Ӯзбекистони Навро дар асоси тамойили «Инсон – ҷамъият – давлат» чунин барномарезӣ кард:

– Бо баланд бардоштани қадри инсон ва рушди ҷамъияти шаҳрвандии озод бунёд кардани давлати халқпарвар. Тамоюли якум 12 мақсадро дарбар гирифта, мазмуни мухтасари он аз ин иборат мебошад: бо рушди ҷамъияти шаҳрвандии озод давлати халқпарвар бунёд карда мешавад, ислоҳоти васеъмиқёсе, ки ба қадру қимати инсон ва таъмини манфиатҳои қонунии он нигаронида шудааст, ба зинаи нав бардошта мешавад.

– Дар мамлакат ба вазифаи асосӣ ва зарурӣ баргардондани тамоюлҳои устувори адолат ва қонун. Мазмуни мухтасари тамоюли мазкур, ки 8-то мақсад пешбинӣ шудааст, аз инҳо иборат мебошад: устувории адолат ва қонун – шарти асосии бунёди давлати халқпарвар ва таъмини қадру қимати инсон мебошад.

– Рушди баландсуръати иқтисодиёти миллӣ ва таъмини босуръати афзоиш. Тамоюли сеюм аз 16 мақсад иборат буда, мазмуни мухтасари он чунин аст: иқтисодиёти миллӣ ва ба дараҷаи талаботи замон рушди баландсуръати афзоиши он яке аз вазифаҳои муҳим ба шумор меравад.

– Сиёсати иҷтимоии боадолат ва рушди капитали инсон. Мазмуни мухтасари тамоюли мазкур, ки 34 мақсадро дарбар мегирад, аз инҳо иборат мебошад: сиёсати иҷтимоии боадолат ва масъалаи таълиму тарбияи босифат, ки омили муҳимтарини рушди капитали инсон ба шумор меравад, пас аз ин низ, дар маркази эътибори доимист.

– Таъмини рушди маънавият ва ба зинаи нав баровардани он. Тамоюли панҷум аз 8 мақсад иборат буда, мазмуни мухтасари он чунин аст: ислоҳоте, ки дар соҳаи маънавият ва маърифат амалӣ мешаванд, дорои аҳамияти муҳим буда, онро ба зинаи нав мебардорад.

– Ба мушкилоти умумбашарӣ манфиатҳои миллиро дар назар дошта, муносибат намудан. Тамоюли мазкур 10 мақсадро таҳти назар дошта, мазмуну мундариҷаи мухтасари он чунин аст: ҳаллу фасли тағйироти иқлимӣ, мушкилоти экологӣ, радикализм, экстремизм, терроризм, савдои одам ва ғайра ҳамчун мушкилоти умумбашарӣ долузарб мемонад.

– Пурзӯр гардондани салоҳияти мудофиа ва бехатарии мамлакат, сиёсати берунии фаъол, прагматик ва кушод. Мазмуни тамоюли ҳафтум, ки 12 мақсадро дар бар мегирад, чунин аст: пурзӯр гардондани қудрати Қувваҳои Мусаллаҳ, ки кафолати боварибахши таъмини бехатарӣ ва осудагӣ дар мамлакат аст, ҳамчун мақсади устувор боқӣ мемонад.

**Завқибек МАҲМУДОВ,**
**ходими илмии хурди Донишкадаи таърихи АУ Ҷумҳурии Ӯзбекистон.**




Пешниҳод

# НАҚШИ МАКТАБ ДАР ЭҲЁИ «АЛЛА»

Дар се-чор соли охир эътибор ба низоми таълими муассисаҳои таълими томактабӣ, миёна, миёнаи махсус ва олӣ пурзӯр гардид. Таълими 11-сола аз нав ҷорӣ карда шуд. Қарор ва фармонҳое, ки аз ҷониби сарвари мамлакат дар соҳаи таълим ба имзо расидаанд, далели ин гуфтаи мост. Иҷрои онҳо, бешубҳа, сатҳи таълим ва тарбияро ба зинаи нав мебардорад.

Мактаб даргоҳест, ки дар он, баробари ба насли ҷавон таълиму тарбия додан, дарси зиндагӣ низ омӯзонда мешавад. Роҳбари давлат ба эҳёи урфу одат ва арзишҳои милливу умумибашарӣ эътибори алоҳида медиҳад.

Дар ин навишта ман мехоҳам дар бораи суруди «Алла», ки аз беҳтарини сурудҳост, фикру мулоҳизаҳоямро бо хонанда ба ҳам бинам.

«Алла» як ҷузъи эҷодиёти даҳонакии халқ мебошад. Намунаҳои беҳтарини онро бибиҳои дуру наздики мо эҷод кардаанд.

Хату китобат ва мактаб дар замонҳои қадим ҳам вуҷуд дошт. Шоирон девонҳои шеъриашонро тартиб медоданд, котибон бо китобати қиссаҳое мисли «Ҳазору як шаб», «Синбоднома» машғул мешуданд. Вале дар баробари адабиёти хаттӣ, фолклор низ ривоҷу равнақе дошт. Модарон тифлонашонро бе суруди «Алла» намехобонданд.

Баъд аз он ки телевизору радио, китобчопкунӣ ва мактабҳои типи нав ба ҳаёти халқҳои мо ворид гардид, мисли байти ғазалгӯӣ, суруди «Алла» ва аллагӯйии модарон низ ба оҳистагӣ аз байн рафт. Воситаҳои электронӣ доираи эҷодиёти даҳонакии халқро тангтар карданд. Ба мушоҳида мерасад, ки имрӯз модарони ҷавон кӯдаконашонро бо суруди «Алла» намехобонанд. Мутахассисон натиҷа гирифтаанд, ки кӯдак ҳанӯз дар 7-8 моҳагӣ дар батн аз суханони лутфомези модар баҳра мебарад. Бале, садои модар барои тифл мисли шир ва бӯю сурати ӯ таъсиргузор аст. Ба мушоҳида гирифтаем, ки агар ба кӯдак зани бегона «Алла» гӯяд, ба осонӣ хобаш намебарад. Дар куҷое хонда будем, ки ин суруди саригаҳворагӣ ба фарзанди писарӣ нерӯ, ба фарзанди духтарӣ ҳаё мебахшад.

Боре дар хонаи як хешам дидам, ки телефони дастии ӯ дар чӯби гаҳвораи тифлаш овезон аст. Вақте сабабашро пурсидам, гуфт ки дар телефон суруди «Алла» сабт кардааст:

Гуфтам:

– Чаро худат «Алла» намегӯӣ?

Гуфт, ки ягон суруди «Алла»-ро аз ёд намедонад. Аввалҳо ба осонӣ хобаш намебурд. Ҳоло ба «Алла»-и телефон одат кардааст. Дар ин миён чанд корамро анҷом медиҳам...

Вақте ки аз зарари телефон, радиатсия паҳн кардани он гуфтам, пушаймон шуд.

Қавл дод, ки суруди «Алла»-и беҳтаринеро аз ёд мекунад.

Оре, «Алла» суруди навозишест, ки модар ҳангоми хобондани кӯдак гаҳвораро нармак-нармак ҷунбонда бо садои маҳин мехонад.

Тавассути ин суруди оромбахш модар меҳру муҳаббат, таманнову орзуҳои худро нисбат ба фарзанди навзодаш баён месозад. Модарон дуо мекунанд, ки дунё ором бошаду кӯдакон сиҳату саломат ба воя расанд, соҳиби илму ҳунар гарданд.

Ба ин пора диққат диҳед, ки аз дили модар берун омадааст:

*Кабки мастам, аллаё,*
*Зеби дастам, аллаё.*
*Шири ман ошат шавад,*
*Ширмастам, аллаё...*

Бо назардошти ин ҳама пешниҳоде доштам. Ҳоло дар мактабҳо баъзе фанҳо, мисли технология, гигиена ба писарону духтарон дар алоҳидагӣ омӯзонда мешавад.

Агар дар мактабҳо мазмуну моҳияти суруди «Алла» низ дар алоҳидагӣ ба духтарон омӯзонда мешуду барои аз ёд кардан ба онҳо беҳтарин сурудҳои «Алла» пешниҳод мегардид, «Алла»-гӯӣ ба анъана табдил меёфт, модарони ҷавон ин вазифаро ба зиммаи телефонҳои дастӣ намегузоштанд.

**Тошбика ҚАЗОҚОВА,**
**омӯзгори фанни забон ва адабиёти тоҷики мактаби миёнаи таълими ҳамагонии рақами 9-уми ноҳияи Сайҳунобод.**

# ХОНИШИ БЕРУН АЗ СИНФ ДАР СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

(Аввалаш дар саҳ.3).

Вақте ки дар гӯша адабиёт аз рӯйи мавзӯъ гирд оварда шуд, муаллим онҳоро пешакӣ мутолиа намуда, аниқ мекунад, ки оё китобҳо мувофиқи шумораи шогирдонанд. Масалан, муаллим қироати шеъри шоири шинохтаи мо Лоиқ Шералӣ «Қасидаи модар»-ро дар машғулият интихоб менамояд. Зеро мувофиқи талаботи методикаи ташкили хониши берунаазсинф ин китобро бояд ҳамаи бачаҳо бихонанд, бо мазмуну мундариҷааш, мақсади шоир, ғояи асар шинос шаванд. Бинобар ин, омӯзгор чанд нусхаи ин китобро ба хонандагон тақсим мекунад, онҳо дар давоми ду ҳафта шеърро бо навбат мутолиа менамоянд. Баъд рӯзи машғулият муаллим муҳокимаи онро аз рӯйи саволҳои пешакитартибдодааш шурӯъ менамояд.

Агар ҷавоб ноқис ва норавшан бошад, муаллим иҷозат медиҳад, ки талабае аз китоб чанд мисраи дахлдорро хонад, фикрашро шифоҳӣ ифода намояд.

Муаллим ҳангоми ба машғулият тайёрӣ дидан, ба дарс тайёр будан ё набудани шогирдонро ба ҳисоб мегирад; адабиёти мавҷударо ба бачаҳо тақсим карда, номи мавзӯъро дар тахтаи синф меовезад; луғати калимаҳои барои бачаҳо нав ва душворро тайёр карда, ба мазмуни матни муҳокимашаванда хос чистону зарбулмасал интихоб мекунад; ҳангоми варзиш суруд ё шеъри дар қарта сабтшударо мешунаванд; машғулиятро ҷамъбаст намуда, мавзӯи ояндаро ба бачаҳо фаҳмонда, баъзе китобҳои дахлдорро ба гӯша мегузорад.

Ин аст қисматҳои нопурраи нақшаи пешакии муаллим ба машғулияти навбатӣ. Ин нақшаро вай метавонад бо салоҳдиди худ, шароити синф ва мавзӯи пешакӣ тайёркардааш тағйир диҳад.

Тайёрии муаллим ба машғулият ба он вобаста аст, ки мазмуну мундариҷаи маводи таълим дар назди ӯ чӣ вазифаҳо мегузорад ва онҳоро бо кадом тарзу воситаҳо иҷро менамояд. Бинобар ин ҳар машғулият тайёрии хоссаро талаб мекунад. Аз ин рӯ тайёрии муаллим ба машғулият бо кори эҷодии ӯ зич алоқаманд аст.

Кори эҷодӣ ва навоварӣ низ ба мутолиаи асарҳои илмию методӣ, психологию педагогӣ, ҳамаҷониба омӯхтани маводи оид ба машғулияти хониши берунаазсинф таълифшудаи методистони варзида, адабиёти бадеии бачагона, мақолаҳои рӯзномаву маҷаллаҳои илмию методӣ вобаста аст.

**Нигора НАЗАРОВА,**
**муаллимаи мактаби таълими ҳамагонии рақами 68-уми ноҳияи Сариосиёи вилояти Сурхондарё.**

## ИЛМУ АДАБ

*Мегӯянд, ки дар*
*мактаб,*
*Омӯзанд илму адаб.*
*Илм чисту адаб чист?*
*Пурсид Доно аз*
*Матлаб.*
*Илм, гуфто Матлабҷон,*
*Уқёнуси бепоён.*
*Илм ин сирри ҳастӣ,*
*Агар ба он пайвастӣ.*
*Барад туро ба кайҳон,*
*То моҳу ситорагон.*
*Аз асрори баҳру бар,*
*Мекунадат баҳравар.*
*Илму дониш дар*
*мактаб,*
*Тавъам бошад бо адаб.*
*Дорӣ гар илму адаб,*
*Мерасӣ зуд ба матлаб.*

***Зебунисо ТОҲИРИЁН.***



*Бо анҷом ёфтани соли хониш дар мактабҳои таълими ҳамагонӣ барои хатмкунандагон тараддуди тайёрӣ ба имтиҳонот сар мешавад. Ба таври худ барои хонандагон давраи муҳим ва ғалберро аз об бардоштан аст. Аз ин боис дар таълимгоҳҳо кӯшиш барои ин аст, ки давраи масъулиятнокро бо сарбаландӣ пушти сар намоянд.*

***Дар сурат:** китобхонаи мактаби миёнаи №42 ноҳияи Бӯстонлиқи вилояти Тошканд низ имрӯзҳо серодам аст.*

***Суратгир: Р. ГАЛЕЕВ.***

# Занги охирин садо медиҳад

“Занги охирон...” Воқеан ин ибора дар қалби ҳар як хонандаи мактаб, аз ҷумла хатмкунандагони дабистон садои маҳзунеро дорад. Худ бо вуҷуди фаро расидани моҳи май ҳаяҷон ва эҳсосоти хатмкунандагон рӯз аз рӯз меафзояд. Меҳрашон ба мактаб торафт баланд мегардад, худ ба худ меандешанд, ҳатто мехоҳанд даргоҳи мактабро тарк накунанд...

Табиист, ки ҳамасола 25-май дар тамоми мактабҳои таҳсилоти ҳамагонии кишвар “Занги охирин” садо медиҳад. Дар саҳни дабистон бо иштироки хонандагон-хатмкунандагони мактаб бо ҳамин ном чорабиниҳои адабию фарҳангӣ, бадеӣ баргузор мегардад, ки хонандагони синфи 11-ум бо ашкҳои шашқатор охирин чорабиниашонро пешкаши устодон ва хонандагони мактаб мекунанд. Албатта, пас аз садои “Занги охирин” ва ё хатми мактабӣ қисми зиёди ҷавонон афсӯс мехӯранд, ки чаро ба қадри рӯзҳои гузашта дар вақти худ нарасидам, нахондаму наомӯхтам, маҳорати худро нишон надодам, дар маҳфили дониш ва мусобиқаҳои варзишӣ ширкат накардам.

– Аз ҳамсинфоне, ки тӯли чанд сол дар як синфхона таҳсил гирифта ҳамчун як оила гашта будем, ҷудо мегардем. Устодоне, ки дар мактаб ба мо ҳеҷ гоҳ кумак ва илму дониши худро дареғ намедоштанд, дар роҳи ояндаи мо ҳамчун машъал роҳи моро фурӯзон кардаанд, афсус, ки ҷудо мешавем, – мегӯяд хонандаи синфи 11-уми мактаби таҳсилоти ҳамагонии № 9 ноҳияи Бӯка Марворид Абдурофеъева. – Ман дар пеши худ мақсад гузоштаам, ки ба чунин заҳматҳои устодонам ҳаракат карда ба Донишкадаи омӯзгории давлатии Чирчиқ дохил шуда, дар оянда ба мактаби деҳаамон ҳамчун омӯзгори фанни дӯстдоштаам баргардам.

**М. ҚОДИРЗОДА,**
*вилояти ТОШКАНД.*

# БУЗУРГОН ДОИР БА ИЛМУ ДОНИШ

*Чист зарри ноб? Рангин гашта хоке з-офтоб?*
*Ҳар кӣ кард афсар зи зарри ноб,*
*хокаш бар сар аст.*
*Гар надорад симу зар доно,*
*манеҳ номаш гадо,*
*Дар бараш дил баҳри дониш,*
*ӯ шаҳи баҳру бар аст.*

***

*Зи дониш шавад кори гетӣ ба соз,*
*Зи бедонишӣ кор гардад дароз.*

***

*Шохи бемева кашад сар ба қиём,*
*Шохи пурмева шавад хам ба салом.*

***Абдураҳмони ҶОМӢ.***

*Чун ту бо илм ошно гаштӣ,*
*Бигзарӣ з-об бе киштӣ.*

***Рукниддини АВҲАДӢ.***

*Ҳар чӣ дорӣ бидеҳу давлати маънӣ биситон,*
*То чу ин неъмати зоҳир биравад, он монад.*

***Саъдии ШЕРОЗӢ.***

*Олими бекор наёбад баре,*
*Гарчи ба сад ҳила барорад саре.*

***Хусрави ДЕҲЛАВӢ.***

*Эй бародар, ба касби илм гирой,*
*Пой бар чаҳл неҳ, ба илм дарой.*
*Маърифат ҷуз ба илм натвон ёфт,*
*В-ин сифат ҷуз ба илм натвон ёфт.*
*Ҳаст илм он чӣ боқию абад аст,*
*Ҳар чӣ ҷуз илм об дар сабад аст!*

***

*Илм барҳамдиҳандаи заҳри зиндагӣ*
*ва нурбахши наҷот аст.*

***Камолиддини БИНОӢ.***

*Ман ҳам аз касби илм хурсандам,*
*Лек бо мақсадест пайвандам.*
*К-аз усули мадориҷи ҳикмат,*
*Оламеро барорам аз ғафлат.*

***

*То фазлу ҳунар оинапардоз нашуд,*
*З-иқбол даре ба рӯйи кас боз нашуд.*
*Фӯлод ба оҳан шараф аз ҷавҳар ёфт,*
*Беилм зи ҷинси хеш мумтоз нашуд.*

***Абдулқодири БЕДИЛ.***

*Дониш теғе бурранда бошад,*
*Ҳам ҷондеҳу ҳам кушанда бошад.*

***

*Савод мояи илм асту илм – айни ҳаёт,*
*Ҳаёт агар талабӣ, ҳаст дар сарои савод.*

***Абулқосим ЛОҲУТӢ.***

Гирдоваранда **Б. ФАРИШТА.**

Фидоиёни маориф

# «ТО ДАСТ БА ИТТИФОҚ БАР ҲАМ НАЗАНЕМ...»



Тақдир ӯро, баъди хатми мактаби миёнаи таълими ҳамагонии рақами 38-уми ноҳияи Нурато, ба Ангреншаҳр оварinternetд. Ба факултаи методикаи таълими ибтидоии Донишкадаи омӯзгорӣ бо грант дохил шуд.

— Чаҳор соли таҳсил дар донишкада, сабақ аз устодони донишманд Фарҳоди Исомиддин, Малик Кабиров, Баҳриддин Муҳиддинов, — мегӯяд қаҳрамони мо Машраб Мирзоев, — чашмамро ба олами сарфу наҳви тоҷикӣ, методикаи таълим, дунёи зебои шеър, одоби муоширaт ба дигарон кушод. Амиқ дарк намудам, ки омӯзиш заҳмати бетанаффус аст. Борҳо устодонам таъкид менамуданд, ки дунёи илму маърифат саръад надорад. Инсон бояд аз гаҳвора то қабр дониш омӯзад.

Яке аз пайвандонам, бародари модарам — шодравон Акабой Додоев китобхонаи бой дошт. Ӯ дар афзудани меҳрам ба китоб саҳм гузоштааст. Ҳар боре, ки ба хонааш мерафтам, китоберо барои хондан тавсия менамуду баъди мутолиа дархост мекард, ки мазмуну мундариҷаашро нақл кунам. Осори устод Садриддин Айнӣ, Сотим Улуғзода ва ҳамсафони онҳо китобҳои рӯйимизиам буданд. Устодон маслиҳат медоданд, ки беҳтарин абёти шоирони классику муосирро аз бар намоем. Дар баробари китоби шеъри шоирони классик, дафтарҳои шеърии Мӯъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Абдулло Субҳон, Паймон, ҳамеша бо ман буданду ҳастанд. Аз ашъори мондагори Абдулло Субҳон хушам меояд.

Машраб дар донишкада аз донишҷӯёни фаъол буд. Дар чорабиниҳои адабӣ ва фарҳангӣ муттасил иштирок мекард. Баъди хатми донишкада кор дар мактабҳои таҳсилоти ҳамагонии шаҳри номбурда чашми дили ӯро боз намуданд. Зеро, вақти ба амал татбиқ намудани илмҳои андӯхтааш фаро расида буд. Амиқ дарк намуд, ки роҳи ба фаҳми донишомӯзон расондани илм печухамиҳо дорад. Шаш сол дар синфҳои ибтидоии мактабҳои шаҳр ба булбулакони боғи дониш сабақ омӯхт.

Дертар ӯро, бо назардошти қобилияти ташкилотчигӣ, дар мактаби рақами 3-юми шаҳри Ангрен ҷонишини директор оид ба корҳои маънавият таъин намуданд. Соле чанд ба сифати сарметодисти шуъбаи таълими халқи шаҳр ифои вазифа кард. Аз соли 2013 то соли 2017, бино ба тавсияи шуъбаи таълими халқи шаҳр, дар мактаби калонтарини рақами 10-ум вазифаи мудири қисми илмиро дар ӯҳда дошт.

Одамушшуаро Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ фармудааст:

*Бирав зи таҷрибаи рӯзгор*
*баҳра бигир,*
*Ки баҳри дафъи ҳаводис*
*туро ба кор ояд.*

Дар мактаби номбурда омӯзгорони собиқадор ва донишманд Абдуқодир Ашуров, Каромат Қӯшматова, Шамсиддин Ҳасанов ва Насриддин Набиевҳо ба ин ҷавони серғайрат ва чашмикордон аз наздик кумак расонданд. Машраб ҳар як чорабиниро бо маслиҳати пирони кор роҳандозӣ мекард. Ин буд, ки бино ба талаби замон технологияи нави педагогӣ ба мактаб роҳ ёфт, хонандагони мактаб дар озмуну олимпиадаҳои шаҳриву вилоятӣ ва ҷумҳурӣ ҷойҳои сазоворро ишғол намуданд...

Боре ба Машраб савол додам: «Машрабҷон, чунин мешавад, ки баъзан нотавонбинон садди роҳи инсонҳои пешқадам мешаванд. Оё дар тӯли кор дар мактабҳо ба нотавонбинон рӯ ба рӯ шудаӣ?» Ӯ муддате хомӯш монду бо шоҳбайте ҷавоб гуфт:

*Ҳар кӣ моро ёд кард,*
*Эзид мар ӯро ёр бод,*
*Ҳар кӣ моро хор кард,*
*аз умр бархурдор бод.*

Соли 2017 омӯзгорони мактаби мо дархост намуданд, ки Машраб вазифаи директориро ба ӯҳда гирад. Дар ёду хаёлаш набуд, вале меҳри зодгоҳ дар дилаш рӯ зад, хост ба пешрафти мактабе, ки худ рӯзгоре дар он таҳсил кардааст, саҳм гузорад.

Ӯ ва дигар нафарони номзад ба директориро дар шуъбаи таълими халқи ноҳия ва садорати таълими халқи вилоят аз санҷиш гузаронданд. Дар байни онҳо Машраб бо дониш, таҷрибаи корӣ ва ҷаҳонбиниаш ғолиб омад. Вай дар шуъбаи таълими халқи вилоят бо қатъият гуфт, ки ба мақсади ҷорӣ кардани технологияи нави замонавӣ дар мактаб ин вазифаи пурмасъулиятро ба дӯш гирифтанист. Ин буд, ки номзадии ӯ гузашт.

Тӯли чор соли кору фаъолият низоми кор дар мактаб хеле тағйир ёфт. Донишомӯзони синфҳои IX, X ва XI дар озмун ва олимпиадаҳои ноҳиявию вилоятӣ иштирок карда, сазовори дипломҳои дараҷаи I, II ва III гардиданд, қисми зиёди омӯзгорон такмили малака карданд, теъдоди хонандаҳое, ки баъди хатми мактаб ба муассисаҳои таълими олӣ ва дигар таълимгоҳҳо дохил шуданд, ба маротиб афзуд.

— Вақте ба кор шурӯъ кардам, — мегӯяд директори чашмикордон Машраб Мирзоев, — майдони варзишии таълимгоҳ хароб буд. Бо роҳи ҳашар онро ба тартиб даровардем. Намуди зоҳирӣ ва дохилии китобхона анборхонаро ба ёд меоварd. Маблағ пайдо карда китобхонаро аз дасти таъмир баровардем. Дар китобхона китобҳои тоҷикӣ кам буданд. Омӯзгорони маърифатпарвар Олим Алибоев, Парвин Холиқов ва каминаву дигарон аз китобхонаи шахсии худ 500 дона китоби бадеиро ба мактаб ройгон туҳфа карданд. Кош, сафи чунин зиёиён ва инсонҳои хайрхоҳ зиёд мешуд.

Бояд мо — омӯзгорон усулҳои ба неруи хотираи хонандагон афзуданро пайдо кунем. Давлат чаро сол аз сол маоши омӯзгоронро зиёд мекунад? Зеро рушди давлату ҷамъият ба инсонҳои соҳибмаърифат вобаста аст. Инсонҳои соҳибмаърифатро бошад, мактабҳо тайёр мекунанд. Роҳбари мамлакат дуруст таъкид кард, ки Эҳёи сеюм аз мактаб оғоз меёбад.

Дар оғози кор ба мактаб кадрҳо намерасиданд. Бо роҳи озмун аз Нурато, Навоӣ ва вилояти Бухоро омӯзгорони фанни забони англисӣ ва технологияро даъват намуда, бо ҷойи иқомат таъмин намудем. Имрӯз мактаб ба омӯзгорони фанҳои география, кимиё, физика, мусиқӣ ва санъати тасвирӣ ниёз дорад.

Қаҳрамони моро коғазбозӣ ва сохтакориҳои баъзе роҳбарони соҳа, ки гоҳо ба боло барои ҳисобот маълумоти беасосро пешниҳод менамоянд, ба танг меоварад. Боре дар мавриди таъмири мактаб бо ҳокими собиқи ноҳия рӯйирост ба баҳс гузашт. Гуфт: «Муҳтарам ҳоким, шумо ба таъмири хонаи ман пул ҷудо намекунед, ба ҳисоботи зердастонатон бовар накунед, худ рафта вазъи мактабро аз назар гузаронед. Ва агар на, маҷбурам, ки ба ҷойи дахлдор муроҷиат намоям». На ҳар директор дар суҳбат бо ҳоким чунин рафтор мекунад. Вале он баҳс бо ҳоким барои ӯ гарон афтод. Ӯро бо корсозиҳо аз вазифааш сабукдӯш карданд. Вале халқ беҳуда нагуфта будааст: «Поёни шаби сияҳ сафед аст» ё «Ҳақиқат ҳаму қат мешавад, вале намешиканад». Дар шароити имрӯз инсоне, ки ҳалол аст ва аз таҳти дил ба хидмати халқ камар бастааст, бешак, дар «набард»-ҳо пирӯз меояд...

Баъди пирӯзӣ ҷамоае, ки бо ӯ унс гирифта буд, нафаси сабук кашид, пояҳои бовариаш ба имрӯзу фардои дурахшони мамлакат устувор шуд.

Қаҳрамони мо дар роҳи омӯзондани асосҳои фан ба толибилмон ва ҷорӣ кардани технологияи нави замонавӣ дар мактаб ба ҷамоаи аҳлу тифоқ такя дорад. Бале, «Дӯст аҳл бошад, кор саҳл аст». Ё тавре ки Умари Хайём фармудааст:

*То даст ба иттифоқ*
*бар ҳам назанем,*
*Пойе ба нишот бар сари*
*ғам назанем.*
*Хезему даме занем пеш*
*аз дами субҳ.*
*К-ин субҳ басе дамад,*
*ки мо дам назанем.*

Пешрафт дар роҳи манфиати халқ маънои аз як гиребон сар бароварданро дорад.

**Иззатулло АЛИБОЕВ,**
**омӯзгори тоифаи олии мактаби таълими ҳамагонии рақами 38-уми ноҳияи Нурато.**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Ҷонишини сармуҳаррир
Тоҷибой ИКРОМОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-525. Адади нашр 4877 ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Суратҳисоби мо дар бонк:
С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
Н. Нодирова.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 00.30

Нишонии мо:
100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.